Инициатива
«Луч света»
Покончить с насилием
в отношении женщин и девочек

# ДАСТУР

## БАРОИ КОРМАНДОНИ ТАШКИЛОТҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ҶИҲАТИ РАСОНИДАНИ КӮМАК БА ЗАНОН ВА ДУХТАРОНИ ДОРОИ МАЪЮБИЯТ

ДУШАНБЕ- 2022

5 ГЕНДЕРНОЕ РАВЕНСТВО

АФИФ
AFIF

Дастур барои кормандони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати расонидани кӯмак ба занон ва духтарони дорои маъюбият дар доираи самти фаъолияти "Беҳгардонии сифат, дастрасӣ ва истифодаи хизматрасониҳо ҷиҳати вокуниш ба зӯроварии гендерӣ барои занон ва духтарони дорои маъюбият дар 6 ноҳияи мақсаднок" таҳия гашта, ҷузъи 4 "Хизматрасониҳои асосӣ" мебошад, ки аз ҷониби СММ Занон дар ҳамкорӣ бо ТҶҶ "Афиф" дар доираи Ташаббуси муштараки СММ ва ИА "Нури рӯшноӣ дар Тоҷикистон" оид ба барҳам додани зӯроварӣ нисбати занон ва духтарон амалӣ мегардад.

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

ЗДДМ – занону духтарони дорои маъюбият
СММ – Созмони Милали Муттаҳид
КҲМ – Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои маъюбон
Протоколи Истамбул – Дастур оид ба тафтиш ва бақайдгирии самараноки зӯроварӣ ва дигар намудҳои муносибатҳои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ва ҷазо
ЗГ – зӯроварии гендерӣ
КБТЗ –Кумита/Конвенсияи СММ оид ба барҳам додани табъиз нисбати занон
ЗНЗ – зӯроварӣ нисбати занон
ИА – Иттиҳоди Аврупо
ВНМО – Вируси норасоии масунияти одам
МРТ – томографияи магнитию резонансӣ
КТ – томографияи компютерӣ



Дар замони муосир ҳеҷ кас аз зӯроварӣ ва муносибати бераҳмона эмин нест. Дар аксари ҳолатҳо одамони гирифтори зӯроварӣ, шахсони осебпазир ё қурбонии табъиз аз рӯи вазъи саломатӣ, нажодӣ, этникӣ, динӣ, ҷинсӣ ё тамоюли ҷинсӣ мебошанд. Ҳатто кӯдакон метавонанд ба табъиз дучор оянд. Принсипҳои роҳбарикунандаи байналмилалӣ оид ба арзёбии вазъи саломатии шахсоне, ки баён доранд ба зӯроварӣ ва муносибати бераҳмона дучор шудаанд ва пешниҳоди натиҷаҳои ташҳиси тиббӣ ба мақомоти судиву ташхисӣ дар Протоколи Истамбул оварда шудаанд.

Дастури мазкур барои ҳуқуқшиносон, таблиғгарон, кормандони иҷтимоии ташкилотҳое, ки ба занону духтарони дорои маъюбият ёрии ҳуқуқӣ, тиббӣ ва равонӣ мерасонанд, пешбинӣ шудааст. Дастур маълумоти амалиро оид ба фаҳмиши маъюбият ҷиҳати эҳтиром ва риояи ҳуқуқҳои занон ва духтарони дорои маъюбият (минбаъд - ЗДДМ), дарк ва фарқи масъалаҳои гендерӣ ва ҷинсӣ бо назардошти маъюбият, ба роҳ мондани ҳуҷҷатгузорӣ тибқи қонунгузории миллӣ ва талаботи Протоколи Истамбул пешниҳод менамояд. Барои мутахассисоне, ки занон ва духтарони дорои маъюбиятро, ки ба зӯроварӣ дучор шудаанд, ҳимоя мекунанд, донистани он ки бо ЗДДМ чӣ тавр муошират намудан лозим аст, нисбати масъалаҳои гендерӣ ҳассос будан, аз нуктаи назари тиббӣ ва ҳуқуқӣ ва бо дарназардошти хусусиятҳои ҷисмонӣ ва нишонаҳои равонии зӯровариро ҳуҷҷатгузорӣ намудан хеле муҳим аст. Ин барои саривақт ба қайд гирифтани тамоми ҷароҳатҳо ва расонидани кӯмаки самаранок муосидат менамояд. Усулҳои пешбининамуда дар Дастури мазкур мукаммал ва ниҳоӣ нестанд, зеро ҳар як ҳолати зӯроварӣ хусусиятҳои фардӣ-хусусӣ дорад ва зимни таҳияи стратегияи ҳуқуқӣ таҳлилро талаб менамояд. Аз ин лиҳоз, як қатор фаъолият дар доираи Дастури мазкур метавонанд пештар истифода гарданд, нисбат ба он ки қаблан дар бораашон гуфта шуданд ва ё баробар истифода гарданд.

Дастур ба ду бахш тақсим мешавад:

1. Дарки маъюбият ва истифодаи муносибати ҳуқуқӣ ба ЗДДМ. Зӯроварии гендерӣ ва ҳассосияти гендерӣ дар расонидани кӯмак ба ЗДДМ.

2. Ҳуҷҷатгузории омилҳои зӯроварӣ нисбати занон ва духтарони дорои маъюбият тибқи талаботҳои Протоколи Истамбул.

## Бахши I. Дарки маъюбият ва истифодаи муносибати ҳуқуқӣ ба ЗДДМ. Зӯроварии гендерӣ ва ҳассосияти гендерӣ дар расонидани кӯмак ба ЗДДМ.

### *Кӣ шахси дорои маъюбият мебошад?*

«Шахси дорои маъюбият» — ин пеш аз ҳама, инсон аст, чуноне, ки дар Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид (СММ) дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон (КҲМ) оварда шудааст. Дар КҲМ шарҳ дода шудааст, ки «ба шахсони дорои маъюбият нафароне дохил мешаванд, ки нуқсонҳои устувори ҷисмонӣ, равонӣ, зеҳнӣ ва ҳиссиётӣ доранд, ки дар робита бо монеаҳои гуногун метавонанд барои иштироки пурра ва самаранок дар ҷомеа дар баробари дигарон монеа шаванд».

Дар Дастури мазкур забон (истилоҳ)-и марбут ба КҲМ истифода шудааст. Аммо, баъзе одамон забони ба шахсият нигаронидашударо афзалтар медонанд (масалан, ба одамони дорои аутизм).

Дар ин ҳолат интихоби шахсро, ки чӣ гуна мехоҳад ӯро тасвир кунанд, бояд эҳтиром намуд. Принсипҳои роҳбарикунандае, ки дар Дастур пешниҳод мегарданд, ба пешниҳоди хидматҳо ба шахсони дорои ҳама шаклҳои нуқсонҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ, равонӣ, равонӣ-иҷтимоӣ, маърифатӣ ё эҳсосӣ дахл дорад. Дар Дастури мазкур шакли иҷтимоии маъюбият ва шакли усули ба ҳуқуқҳои инсон асосёфта истифода гардидааст, ки ба монеаҳое, ки аз ҷониби муҳити зист ба вуҷуд омадаанд (на маъюбии ҷисмонии шахсони маъюб), аз ҷумла, заминаҳои ҷисмонӣ, иттилоотӣ ва муоширатӣ, муносибатҳои хурофотӣ, бадгумонӣ ва амалияи ҷомеа, инчунин таҷрибаҳои истисноии соҳаҳои тандурустӣ, таъминоти иҷтимоӣ, маориф ва дигар самтҳо нигаронида шудааст.

### *Шахсони дорои маъюбият кистанд?*

«Шахсони дорои маъюбият» — пеш аз ҳама, инсонанд. Онҳо одамоне ҳастанд, ки қобилият, манфиатҳо ва ниёзҳои инфиродӣ доранд. Дар аксари мавридҳо, онҳо одамони оддӣ ҳастанд, ки кӯшиш мекунанд, ки одиёна зиндагӣ кунанд. Шахсони дорои маъюбият метавонанд аз байни модарон, падарон, писарон, духтарон, хоҳарон, бародарон, дӯстон, ҳамсоягон, ҳамкорон, донишҷӯён, омӯзгорон ва дигарон бошанд. Дар Тоҷикистон ҳудуди 150 000 нафар шахсони дорои шаклҳои гуногуни маъюбият ба қайд гирифта шудаанд – ҳар нафари 16-ум ин ё он шакли маъюбиятро дорад. Онҳо зиндагӣ, таҳсил, кор ва аз рӯи имкон дар пешрафти кишвар саҳми худро мегузоранд.

Намудҳои гуногуни маъюбият мавҷуданд. Баъзе маъюбиятҳо аён ҳастанд, масалан, роҳ гашта натавонистан ва аз ин сабаб аз аробачаи маъюбӣ истифода бурдан, вале баъзе шаклҳои маъюбият ноаёнанд, масалан, нуқсони равонӣ, зеҳнӣ ва шунавоӣ.

Баъзе одамон зиёда аз як намуди маъюбият доранд.

*Ҷомеа метавонад одамони дорои маъюбиятро бо тарзҳои гуногун дарк намояд ва ё муносибати ҳархела дошта бошанд, ки ин метавонад боиси хориҷ шудан ё баръакс*

[1] Конвенция дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон, моддаи. 1, G.A. Res. 61/106, U.N. Doc. A/ RES/61/106 (Dec. 13, 2006) [минбаъд КҲМ]

*шомил шудани онҳо ба ҷомеа гардад. Дар соҳаи тиб ва ҷомеашиносӣ модели куҳна ва муосири (муносибат) ба фаҳмиши маъюбият мавҷуд аст:*

Модели хайрхоҳона: дигар аъзоёни ҷомеа одамони дорои маъюбиятро ҳамчун нафароне, ки қобилияти ягон коркунӣ ё фикркунӣ надоранд, қабул мекунанд. Аз ин рӯ, нисбати онҳо бояд «ғамхорӣ» намуд ё онҳоро «ҳимоя» бояд кард.

Модели тиббӣ: шахсони дорои маъюбият бо роҳи мудохилаи тиббӣ табобат ёфта, танҳо баъди он метавонанд дар ҳаёти ҷомеа фаъолона иштирок кунанд.

*Ҳардуи ин муносибат аз раванди қабули қарорҳо дур мондани маъюбонро нишон медиҳанд. Ба ҷои онҳо инро дигарон мекунанд. Дар ин маврид истифодаи модели иҷтимоӣ ё ҳуқуқӣ, ки дар кор бо ҷабрдидагони зӯроварии гендерӣ бидуни маъюбият истифода мешавад, самараноктар аст.*

Модели иҷтимоӣ: одамон омилҳоеро, ки дар муҳити зист барои иштироки шахсони дорои маъюбият дар ҳаёти ҷамъиятӣ монеагӣ мекунанд, муайян намуда, онҳоро ислоҳ мекунанд.

Моделе, ки бар асоси ҳуқуқҳои инсон асос ёфтааст: шахсони дорои маъюбият ба имкониятҳои баробар ва иштирок дар ҳаёти ҷомеа ҳуқуқ доранд. Мо ҳама барои пешбарӣ, ҳифз ва татбиқи ин ҳуқуқҳо вазифадорем ва шахсони дорои маъюбият бояд ин ҳуқуқҳоро талаб кунанд.

### *Гендер, маъюбият ва нобаробарӣ*

Занони дорои маъюбият аксар вақт ба табъиз ва зӯроварӣ аз рӯи ҷинс ва аз рӯи маъюбият дучор мешаванд.

Занон ва духтарони дорои маъюбият нисбати тамоми шаклҳои зӯроварӣ осебпазир мебошанд. Омилҳои зиёде ҳастанд, ки осебпазирии онҳоро бештар мегардонанд, лекин асосан – ин табъиз аз рӯи ҷинс ва маъюбият мебошад. Тамғагузорӣ ва табъиз нисбати шахсони дорои маъюбият хатарро дар ҷомеа, хусусан барои занон ва духтарони дорои маъюбият ҷиҳати дучор шудан ба ҳолатҳои зӯроварӣ, муносибати бераҳмона ва истисмор афзоиш медиҳад.




Ин ҳамчунин метавонад сатҳи иштироки онҳоро дар ҳаёти ҷамъиятӣ паст гардонад, гарчанде он метавонист барои ҳифз, дастгирии иҷтимоӣ ва тавсеаи ҳуқуқу имкониятҳои онҳо мусоидат намояд.

Дарки корношоямии занони дорои маъюбият: ҷинояткорон аксар вақт чунин мешуморанд, ки занон ва духтарони дорои маъюбият наметавонанд худро аз ҷиҳати ҷисмонӣ муҳофизат кунанд ё дар бораи зӯроварӣ хабар диҳанд, ки ин онҳоро ба зӯроварӣ бештар осебпазир мегардонад. Онҳо барои хабар додан дар бораи зӯроварӣ ва ё таъқиб бо як қатор монеаҳо дучор мешаванд.

Одамон метавонанд ба онҳо гӯш надиҳанд ё бовар накунанд, хусусан агар ҷабрдидагон нуқсонҳои равонӣ ё зеҳнӣ дошта бошанд, ки ин дастрасии онҳоро ба хизматрасониҳо маҳдуд мекунад. Аксар вақт тахмин меравад, ки онҳо дарк карда наметавонанд, ки бо онҳо чӣ ҳодиса рӯй додааст ва ё эҳтиёҷоти худро баён карда наметавонанд, ки ин барои беҷазо мондани гунаҳкорони чунин зӯроварӣ мусоидат мекунад.

Монеаҳо ва маҳдудиятҳои мавҷудаи ҷисмонӣ дар муҳити зист, набудани нақлиёти ҷамъиятии дастрас, набудани дастрасӣ ба иттилоот оид ба эътироф ва пешгирии зӯроварӣ, инчунин хизматрасониҳое, ки ба пешгирӣ ва ҳимоя аз зӯроварӣ мусоидат мекунанд, дастрасии маҳдуд ба таҳсилот, касбу малакаҳои гуногун ва муносибатҳои хайриявӣ ва тиббӣ барои фаҳмидани масъалаҳои гендерии маъюбият - аз омилҳое мебошанд, ки хатари зӯроварии гендериро нисбати занон ва духтарони дорои маъюбият зиёд мекунанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018 Конвенсия дар бораи ҳуқуқи маъюбонро ба имзо расониданд, вале он то ҳол ба тасвиб нарасидааст. Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқи маъюбон (КҲМ) барои Тоҷикистон баъди ба тасвиб расидани он эътибор пайдо мекунад. Ҳоло Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саъю кӯшиш дорад, ки барои ба тасвиб расонидани Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқи маъюбон, ки дар он мафҳумҳои марбут ба маъюбият муайян гардидааст, кишварро омода созад.

## Зӯроварии гендерӣ чист?



Дар тавсияи умумии №19 оид ба зӯроварӣ нисбати занон, ки дар ҷаласаи ёздаҳуми Кумитаи СММ оид ба барҳам додани табъиз нисбати занон (КБТЗ/Кумита) соли 1992[2] қабул шудааст, Кумита тавзеҳ дод, ки мафҳуми табъиз нисбати занон, тавре ки дар моддаи 1 Конвенсия муайян шудааст, зӯроварии гендериро низ дар бар мегирад (яъне «зӯроварӣ, ки нисбат ба зан ба хотире, ки вай зан аст, содир шудааст ё зӯроварӣ, ки таъсири сахти манфӣ ба занон мерасонад») ва чунин табъиз поймолкунии ҳуқуқи инсон –зан ба ҳисоб меравад. Мафҳуми зӯроварӣ метавонад шарҳи гуногун дошта бошад. Эъломия оид ба барҳам додани зӯроварӣ нисбати занон, ки соли 1993 аз ҷониби Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қабул шудааст, зӯроварӣ нисбати занонро чунин шарҳ медиҳад: «ҳар амали зӯроварӣ дар асоси ҷинсият, ки ба занон зарари ҷисмонӣ, шаҳвонӣ, равонӣ ё уқубат мерасонад, инчунин, таҳдид барои содир кардани чунин кирдорҳо, маҷбур кардан ё беихтиёр маҳрум сохтан аз озодӣ, хоҳ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва хоҳ дар ҳаёти шахсӣ бошад»[3].

**Зӯроварии гендерӣ (ЗГ) ин расонидани зарар** ба шахс (зан ё мард) дар натиҷаи нобаробарии қувва, ки дар навбати худ аз тақсими нақшҳои гендерӣ ба вуҷуд меояд, дар

[2] Ҳарчанд Кумита аввалин маротиба масъалаи зӯроварӣ нисбати занонро дар тавсияи умумии №12 (1989) баррасӣ намуд, маҳз дар тавсияи умумии №19 муфассал ва ҳамаҷониба масъалаи мазкур баррасӣ гардид, ки барои корбарии минбаъда дар ин самт асос гардид.

[3] Зӯроварӣ нисбати занон, омилҳо ва оқибати он, Маърӯзаи маърӯзачии махсус оид ба масъалаҳои зӯроварӣ нисбати занон, омилҳо ва оқибати он. Шӯрои ҳуқуқи инсон. Сессияи 41-ум. 20.06.2019 с.

назар дошта шудааст. Зӯроварӣ бар асоси гендерӣ бо зӯроварӣ нисбати занон тавъам нест, вале аксар вақт ба ин маъно истифода мешавад, зеро занон - ҷабрдидагони асосии ЗГ мебошанд. Маърӯзачии махсуси Дабири кулли СММ оид ба масъалаҳои зӯроварӣ нисбати занон дар баромади худ қайд намуд, ки: "Дар 25 соли охир зӯроварӣ нисбати занон ҳамчун вайрон кардани ҳуқуқи инсон – зан ва яке аз шаклҳои табъиз аз рӯи ҷинс эътироф гардидааст".[3] ЗГ нисбати занон яке аз воситаҳои асосии иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ мебошад, ки тавассути он нақшҳои қолабии занон ва тобеияти онҳо ба мардон пойдор меистад. ЗГ - яке аз монеаҳои асосии ноил шудан ба баробарии воқеии гендерӣ мебошад.

Дар Эъломияи СММ оид ба барҳам додани зӯроварӣ нисбати занон се шакли асосии зӯроварӣ нисбати занон (ЗНЗ) вобаста ба ҷои рух додани зӯроварӣ, инчунин муносибати байни ҷинояткор ва ҷабрдида муайян гардидааст: (1) зӯроварӣ дар оила; (2) зӯроварӣ дар ҷомеа ва (3) зӯроварӣ аз ҷониб ё бо мусоҳилакории давлат[4].

**Зӯроварӣ дар оила** зӯроварии оилавиро дар бар мегирад, ки баъзан онро зӯроварӣ аз ҷониби шарики маҳрам ё зӯроварии ҳамсар низ меноманд, ки ин барои равшан намудани мавҷудияти муносибати дарозмуддат байни ҷабрдида ва ҷинояткор мебошад. Таҷовуз ба номус дар оила ва зӯроварии ҷинсӣ нисбати кӯдакон инчунин намудҳои ЗГ мебошанд, ки дар хона рух медиҳанд.

**Зӯроварӣ дар ҷомеа –** таҷовуз ба номус ва ҳамлаи ҷинсӣ, озори ҷинсӣ дар ҷои кор ва муассисаҳои таълимӣ, инчунин истисмори занону духтарон тавассути қочоқи инсон ва танфурӯширо дар бар мегирад.

**Зӯроварӣ аз ҷониби давлат –** таҷовуз ба номусро зимни даргириҳои мусаллаҳона ва аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, амният ва низомӣ чӣ дар даргириҳои мусаллаҳона ва ҳам дар замони осоишта, ё аз ҷониби кормандони муҳофизи сулҳ дар муҳити ғайриҷангӣ, инчунин зӯроварӣ нисбати занон дар муассисаҳои давлатӣ ва таҳти назорати ҳукуматро дар бар мегирад.

**Зӯроварӣ бо мусоҳилакории давлат** маънои онро дорад, ки гунаҳкорони зӯроварӣ беҷазо мемонанд, ҷабрдидагони зӯроварӣ воситаҳои дахлдори ҳуқуқӣ надоранд ва аз сохторҳои давлатӣ ва суд ҳимоя ёфта наметавонанд.

Ин гурӯҳҳо мафҳумҳои умумиро ифода карда, миқёси ЗНЗ-ро нишон медиҳанд, вале ба онҳо набояд ҳамчун чизи муқаррарӣ муносибат кард. Ҳомиёни ҳуқуқ ва шахсони кӯмакрасон ба ЗНЗ аксар вақт бо шаклҳои ЗНЗ дучор мешаванд, ки ҳанӯз аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва низоми ҳуқуқӣ ба таври кофӣ эътироф карда нашудаанд, ба монанди таъқиби маҷбурӣ ё истифодаи технологияҳои нав, аз қабили истифодаи Интернет ё почтаи электронӣ барои содир намудани зӯроварии киберӣ нисбат ба занон[5].

### Намудҳои зӯроварӣ[*]:

**Зӯроварии ҷисмонӣ** намуди зӯроварӣ тавассути истифодаи қувваи ҷисмонӣ ё таҳдид бо мақсади назорати шахси дигар аст. Ба ин намуди зӯроварӣ зарба задан, лату кӯб кардан, буғӣ кардан, газидан, ба сӯи шахс партофтани ашё, лагад задан ва тела додан,

[*] Ба намудҳои зӯроварии овардашуда ҳама дучор шуда метавонанд, аммо бештар занон ва духтарон аз ин зӯроварихо азият мекашанд.

[4] Эъломияи СММ оид ба барҳам додани зӯроварӣ нисбати занон, 20 декабри соли 1993, A/RES/48/104.

[5] Finding a difficult balance: Human rights, law enforcement and cyber violence against women, genderIT.org, 19 августи соли 2008, дар сомонаи зерин дастрас намоед: http://www.genderit.org/en/index.shtml?w=a&x=96169

инчунин истифодаи силоҳи оташфишон ё силоҳи сард дохил мешавад. Зӯроварии ҷисмонӣ бо мурури замон одатӣ ва бошиддат гашта, метавонад боиси марги зан гардад.

**Зӯроварии шаҳвонӣ -** ин амалҳо барои алоқаи шаҳвонии маҷбурӣ ё назорат мебошад. Ба ин амалҳо маҷбуркунӣ ба алоқаи ҷинсӣ, ба тарзи муайян анҷом додани алоқаи ҷинсӣ, маҷбур кардани зан ба алоқаи ҷинсӣ бо дигар шахсон, муносибати таҳқиромез ба шаҳвонияти зан ва ё исрор ба алоқаи ҷинсӣ бидуни истифодаи воситаҳои пешгирии ҳомиладорӣ дохил мешаванд.

**Зӯроварии равонӣ (руҳӣ) -** ин ба кор бурдани воситаҳои гуногуни тактикӣ барои ҷудогузории зан ва паст кардани ҳисси худэҳтиромии ӯ мебошад, ки дар натиҷа вай аз шарики худ бештар вобастагӣ пайдо мекунад ва аз ӯ тарсон мешавад. Ба ин амалҳо: рад кардан ба ҳуқуқи зан барои кор кардан берун аз хона, ҷудогузории ӯ аз оила ва дӯстонаш; таҳдид ба расонидани зарар ба шахсони наздик ва ё чизҳои дӯстдоштааш дохил мешаванд; назорати доимии амалҳои вай. Ин муносибати бад нисбат ба зан аст, ки ба паст задани шаъну шарафи ӯ равона гардидааст. Ба ин амал танқид, таҳдид, таҳқир, эродгирии таҳқиромез ва муносибати пасткунандаи шаъну шараф аз ҷониби шарик дохил мешавад.

**Зӯроварии иқтисодӣ -** ин амали ғайриқонуние мебошад, ки занро аз манзил, хӯрок, либос, молу мулк ё маблағ, аз ҷумла, маҳрум кардан аз пули нақд, ки зан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он ҳуқуқ дорад, маҳрум месозад ва ин қонуншиканӣ метавонад боиси ихтилоли саломатии ҷисмониву рӯҳӣ ё боиси дигар омилҳои номатлуб гардад.

***Вокуниш ба зӯроварӣ нисбати занон ва духтарони дорои маъюбият***

### Зӯроварӣ дар оила, зӯроварии иқтисодӣ ва шаҳвонӣ, ки шахсони дорои маъюбият ба он дучор мешаванд

- Одамони дорои маъюбият нисбат ба одамоне, ки маъюбият надоранд, хавфи бештари ба зӯроварии хонаводагӣ, оилавӣ ва ҷинсӣ дучор шудан доранд.
- Одамони дорои маъюбият инчунин дар дастрасӣ ба хизматрасониҳои хадамоти дахлдор бо монеаҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешаванд.
- Маълумот оид ба мушкилоте, ки одамони дорои маъюбият дучор меоянд, метавонад ба пешгирии зӯроварии минбаъда ва баланд бардоштани амнияти онҳо мусоидат намояд.

### Дарки зӯроварӣ нисбати шахсони дорои маъюбият

Одамони дорои маъюбият бештар ба зӯроварӣ дучор мешаванд. Аз ҷумла, хатари бештар ба занони дорои маъюбият таҳдид мекунад. Занони дорои маъюбият инчунин метавонанд дар дастрасӣ ба хизматрасониҳои хадамоти дахлдор бо монеаҳо рӯ ба рӯ шаванд.

Дар муқоиса бо заноне, ки маъюбият надоранд, занони дорои маъюбият:

- зери хатари бештари намудҳои ҷиддии зӯроварии шарики маҳрам қарор доранд;
- онҳо метавонанд ба зӯроварӣ бештар, ба муддатҳои тӯлонӣ, бо намудҳои гуногун ва аз ҷониби бештари ҷинояткорон дучор шаванд;
- ба ҷои амн роҳ ёфтан ва барои хабар додан дар бораи ҳодисаҳои зӯроварӣ майлу имконияти камтар доранд.

Барои аксари одамони дорои маъюбият дарки муносибате, ки онҳо бо он рӯ ба рӯ мешаванд ва фаҳмидани он ки зӯроварӣ ва ҷиноят ба ҳисоб меравад, масъалаи мушкил аст. Чунин вазъиятро маҳдудияти дастрасӣ ба иттилоот ва кӯмаки босифат метавонад душвор гардонад. Ба онҳо ҳамчунин ҷуръати кӯмак пурсидан намерасад, ё онҳо аз хизматрасониҳои дастрас метавонанд огоҳ набошанд.

Монеаи дигар барои муроҷиат ҷиҳати кӯмак ё хабар додан оид ба зӯроварӣ он аст, ки метавонанд ба одамони дорои маъюбият гӯш надиҳанд. Аксар вақт одамони дорои маъюбият дар оила ё муассисаҳо мавқеи маҳдуд доранд. Дар ин шароит ҷинояткорон (ба назари милисаҳо ва духтурон) ҳамчун шахси боваринок ба назар мерасанд.

### *Муайян намудани шаклҳои зӯроварӣ*

Занони дорои маъюбият метавонанд ба ҳамон намудҳои зӯроварӣ, ки занҳои дигар дучор шаванд, рӯ ба рӯ шаванд, лекин зӯроварии ҷисмонӣ, равонӣ ва ҷинсӣ нисбати онҳо метавонад фарққунанда бошад. Масалан, зӯроварӣ метавонад аз ҷониби шарик, хешованд, коргари муздгиранда ё коргари ихтиёрӣ ва умуман аз тарафи шахсони тамоман бегона анҷом дода шавад. Дар шароити хона ё муассиса ҷинояткор метавонад аъзои оила, ҳамсоя, корманди иҷтимоӣ ва тиббӣ - духтур ё корманди хизматрасон бошад. Мутаассифона, онҳое, ки ба кӯмаку нигоҳубини шахсӣ ниёз доранд, аксар вақт ба зӯроварӣ ва таҳқир дучор мешаванд, ки ин дар беэътиноӣ ва муносибати бад, таҳқири лафзӣ ва ҷинсӣ ифода меёбад.

Намунаҳои дигари зӯроварӣ нисбати занони дорои маъюбият дар чунин таҳдидҳо аён мегарданд:

- ҷабр кардан, аз расонидани кӯмаки зарурӣ даст кашидан ё ба муассисаи тиббӣ ҷойгир кардан;
- милиса ё дигар мақомот ба шикояти онҳо бовар намекунанд;
- агар шахси дорои маъюбият фарзанд дошта бошад, ба Хадамоти ҳифзи ҳуқуқи кӯдак оид ба онҳо хабар додан ва кӯдаконро аз онҳо кашида гирифтан;
- аз ҳайвоноти ёрирасон (масалан, сагҳои роҳбалади онҳо) маҳрум гардонидан;
- дар асоси хусусияти иқтисодидошта;
- муносибати бераҳмона, ки бевосита ба худи маъюбият дахл дорад.

Шахсони дорои маъюбият бо эҳтимолияти зиёд метавонанд бо сабаби як қатор омилҳо ба зӯроварӣ дучор гарданд, аз ҷумла:

- вобастагӣ аз шахси зӯровар, ки ба нигоҳубин ва ҳаракати ӯ, бо маблағу даромад, дастгирии волидайн ва нақлиёт алоқаманд аст;
- набудани дигар намудҳои дастгирӣ;
- надоштани захираҳои иқтисодӣ ва даромад;
- дарк накардани он, ки зӯроварии нисбати онҳо содиргашта ғайриқонунӣ аст;
- маҳдудияти иҷтимоӣ вобаста ба мавқеи одамони дорои маъюбият дар ҷомеа;
- мушкилиҳо дар муошират ва дастрасӣ надоштан ба тарҷумон, манбаъҳои иттилоотӣ ва маълумот дар шакли муносиб;

- ба эътидол овардани таҷрибаи назорат ва муносибати бераҳмона (махсусан, агар он аз ҷониби шахсони мансабдор қабул шуда бошад, масалан, вақте ки аз парастор хоҳиш карда мешавад, ки ба ҷои шахси дорои маъюбият баромад кунад).

### *Чӣ тавр шахсони дорои маъюбиятро, ки аз зӯроварӣ осеб дидаанд, дастгирӣ бояд кард?*

Кормандон бояд одамони дорои маъюбиятро дастгирӣ карда тавонанд. Баъзе таҷрибаҳое ҳастанд, ки хадамоти ёрирасон метавонанд ҷиҳати дастгирии шахсони дорои маъюбият – ҷабрдидагони зӯроварӣ ба пуррагӣ амалӣ намоянд.

Ҳангоми кор дар доираи барномаҳои мубориза бо зӯроварии гендерӣ принсипҳои зерини роҳбарикунандаро ба инобат гирифтан лозим аст:

**Ҳуқуқ ба иштирок ва фарогирӣ**: Мутахассисоне, ки бо зӯроварии гендерӣ мубориза мебаранд, бояд аз хатарҳои мухталифе, ки занон, духтарон, мардон ва писарони дорои намудҳои гуногуни маъюбият бо он дучор мешаванд, огоҳ бошанд. Дарки он ки хизматрасониҳо ва тадбирҳо барои чунин гуруҳҳо бояд дастрас ва пурмазмун бошанд, аллакай ба ҳалли аксар мушкилот мусоидат мекунад. Ҷалби шахсони дорои маъюбият ва парасторон, бахусус занон ва духтарон ба равандҳои ҳифз ва бехатарӣ барои паст кардани хатари ЗГ амали махсус ва лаҳзавӣ набуда, бояд қисми асосии кори ин мутахассисон бошад.
**Таваҷҷӯҳро дар маҷмӯъ ба шахс равона кунед,** на ба маъюбии ӯ, зеро вай таҷрибаи ҳаёт, малака ва қобилият, орзуву умедҳо дорад. Онҳо дар зиндагӣ нақшаҳои зиёди иҷтимоӣ доранд (айниятҳо), аз ҷумла, метавонанд мураббӣ, сарвар, зан, модар, хоҳар, дӯст ва ё ҳамсоя бошанд.
**Тахмин накунед:** мутахассисони мубориза бо зӯроварӣ набояд гумон кунанд, ки оид ба хоҳиш ва ҳиссиёти зан ё духтари дорои маъюбият ё оид ба эҳтиёҷоти онҳо бештар медонанд. Фикр накунед, ки агар шахс дорои маъюбият бошад, вай ба баъзе корҳо қодир нест ва ё майли иштирок дар фаъолиятҳои муайянро надорад. Барои машварат бо онҳо, омӯхтани манфиатҳои онҳо вақт ҷудо кунед ва ба онҳо имкон диҳед, то мисли дигар нафароне, ки зӯроварии гендериро аз сар гузаронидаанд, хоҳиш ва манфиатҳои худро амалӣ созанд.
**Муайян намудан ва истифодаи ҷанбаъҳои қавӣ ва қобилиятҳо:** бо шахсони дорои маъюбият, инчунин аъзои оилаҳои онҳо барои муайян намудани малака ва қобилиятҳои онҳо кор кунед ва онҳоро барои таҳия, амалӣ ва арзёбии барномаҳои мубориза бо зӯроварии гендерӣ ҷалб намоед. Шахсони дорои маъюбият коршиносони ҳақиқии маъюбии худ ҳастанд ва аз ин рӯ, онҳо метавонанд барои хубтар мутобиқ намудани барномаҳо ва чорабиниҳо ба манфиати худ нуктаҳои муҳимро баён кунанд. Нақшаҳои инфиродии амал низ бояд бо назардошти имконоти одамон тартиб дода шаванд.
**Таваҷҷӯҳ ба "кор бо":** қарорҳо ба ҷойи шахсони дорои маъюбият, махсусан занон ва духтарон, аксар вақт аз ҷониби дигарон, аз ҷумла, аъзоёни оила, парасторон, шарикон ва ҳатто кормандони хизматрасон қабул карда мешаванд. Ба ҷои ин, мутахассисони мубориза бо зӯроварии гендерӣ бояд бо одамони дорои маъюбият барои муайян намудани мушкилиҳо, афзалиятҳо ва мақсадҳои онҳо фаъолияти муштарак дошта бошанд.

Аз фишороварии манфӣ ва қабули қарорҳо ба ҷойи онҳо худдорӣ намоед ва ба ҷойи ин дар онҳо ҳисси худэҳтиромӣ, озодии фаъолият ва қобилияти қабули қарорҳои худро ташаккул диҳед.

Аз фишоровари манфӣ ва қабули қарорҳо ба ҷойи онҳо худдорӣ намоед ва ба ҷойи ин дар онҳо ҳисси худэҳтиромӣ, озодии фаъолият ва қобилияти қабули қарорҳои худро ташаккул диҳед.

**Кор бо парасторон ва оилаҳо.** Маъюбият ба дигар аъзоёни оила низ таъсир мерасонад, бахусус занон ва духтарон, ки парасториро аксар вақт ба ӯҳда мегиранд. Мутахассисони мубориза бо зӯроварии гендерӣ бояд кӯшиш кунанд, ки мушкилот, афзалиятҳо ва мақсадҳои парасторонро фаҳманд, инчунин муносибатҳои солим ва тақсимоти баробари вазифаҳоро байни нигоҳубинкунандагон, шахсони дорои маъюбият ва дигар аъзоёни оиларо мустаҳкам намоянд.



***Аз хатарҳои иловагӣ ба шахсе, ки шумо дастгирӣ мекунед, бохабар бошед.***

Ҳангоми дастгирии ягон нафар, оид ба амалҳои зерин бохабар бошед:

- ✓ Пеш аз арзёбии ҳар як вазъият санҷед, ки оё кӯмаки муоширатӣ лозим аст ё не (тарҷумон, аз ҷумла, тарҷумони имову ишора ва ғ.).
- ✓ Маълумотро дар бораи ҳама намуди кӯмак, ки барои ҳаёти ҳаррӯза лозим мешавад ва кӣ ин кӯмакро мерасонад, дарёбед.
- ✓ Санҷед, ки оё онҳо ба василаҳои ёрирасони ҳаракат, маводи доруворӣ ё муолиҷа ниёз доранд, онҳоро ба таври муфассал нависед.
- ✓ Тамоми хадамотҳои имдодии бо онҳо алоқамандро муайян намоед.
- ✓ Муайян намоед, ки ба онҳо кадом намуди дастгирӣ ё кӯмак лозим аст, оё онҳо ба дигар намудҳои хизматрасонӣ, аз он ҷумла, ҷойи истиқомат, маводи хӯрока, ҷойи оббозӣ ва ғ. дастрасӣ дошта бошанд.
- ✓ Нақшаи таъмини бехатариро, ки ба талаботи модару кӯдак ҷавобгӯ аст, таҳия намоед (масалан, бо дарназардошти мавҷудияти мушкилиҳои ҳаракат ва муошират).
- ✓ Дигар омилҳоро омӯзед (масалан, истиқомат дар деҳотҷой, мақоми муҳоҷирӣ ва ё вобастагӣ аз худи ҷинояткор), ки метавонад ба амнияти модару кӯдаки барои кӯмак муроҷиаткунанда хатар эҷод кунад.
- ✓ Ба шахсе, ки ӯро дастгирӣ менамоед, бовар кунед, тамоми нигарониҳо ва шубҳаҳои ӯро оид ба боварӣ нисбати вай бартараф намоед. Дар хотир дошта бошед, ки ҷинояткор мумкин аст боварӣ ва шаъну шарафи ӯро нобуд карда бошад.
- ✓ Дар бораи хусусиятҳои бемориҳои руҳӣ ва маъюбияти равонӣ иттилоъ пайдо кунед.
- ✓ Эътироф кунед, ки хашму ғазаб ва андӯҳ ҳолатҳои аксуламал ба зӯроварӣ аст ва шарт нест, ки ин нишонаҳои бемории руҳӣ ва ё такроршавии беморӣ бошад. (Баъд аз он ки ташхис бемории руҳиро муайян намуд, хатари он вуҷуд дорад, ки тамоми рафтори онҳо аз нуқтаи назари беморӣ баррасӣ мешавад ва бо зӯроварии аз сар гузаронида алоқаманд карда намешавад).
- ✓ Муҳиммияти дастгирии эҳсосотӣ ва таъсири тамғагузорӣ ба муроҷиат барои кӯмакро эътироф намоед.



***Барои таъмини одамони дорои маъюбият ба дастрасии баробар ба дастгирӣ, бояд дар хотир дошт:***

- ✓ Шаъну шараф ва эҳтироми шахсони дорои маъюбиятро пос доред.
- ✓ Ба ҳамаи шахсони дорои маъюбият ҳамчун шахси комил ва ҳамчун ба худ баробар муносибат намоед.
- ✓ Ба одамон имкон диҳед, ки нисбати ҳолатҳои худ қарорҳои асосноккардаи шахсиро қабул намоянд.
- ✓ Нисбати ниёзҳои занони дорои маъюбияти кӯдакдор огоҳ бошед ва диққат диҳед, ки ба шахсони дорои маъюбият пеш аз ҳама ҳамчун ба инсон муомила кардан лозим аст.
- ✓ Хатогии маъмули аксари кормандони хизматрасон ин аст, ки онҳо на ба он чизе ки барои шахс айни замон муҳимтар аст, балки ба масъалаҳои маъюбияти шахс таваҷҷӯҳи бештар мекунанд (масалан, ба зарурати пешгирии ҳолатҳои зӯроварӣ).
- ✓ Ба шахсони дорои маъюбият барои нақл кардани вазъият имкони зарурии вақтро диҳед ва намудҳои ҳифзи бехатарии онҳоро муайян намоед.
- ✓ Боварӣ ҳосил кунед, ки шахсони дорои маъюбият барои муошират шакли барои онҳо маъмулро истифода мекунанд (масалан, истифодаи забони имову ишора, шрифти Брайл ё пиктограммаҳо, ё бо кӯмаки ёрдамчӣ, агар боварӣ дошта бошад, ки ин шахс ҷинояткор нест).
- ✓ Муҳити дастрас ва бароҳатро таъмин намоед.
- ✓ Аз рӯи намуди зоҳирии шахс дар бораи қобилияти фаҳмидани ӯ баҳогузорӣ накунед.
- ✓ Боварӣ ҳосил кунед, ки шумо бо ташкилотҳои маҳаллии шахсони дорои маъюбият, ташкилотҳои занони дорои маъюбият, ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқ, ки кӯмаки ҳуқуқӣ, паноҳгоҳҳо ва ғайраро таъмин мекунанд, шинос ҳастед, то тавонед машваратҳои дуюмдараҷаро гузаронед ва эҳтиёҷоти занон ва кӯдаконро барои дастгирӣ қонеъ намоед.
- ✓ Барои кормандон оид ба фаҳмиши муосири масъалаҳои маъюбӣ омӯзиш гузаронед.

***Истилоҳот***

Истилоҳот тарзи тафаккури фарҳангӣ ва иҷтимоиро инъикос мекунад, ки метавонад хеле манфӣ бошад ва ин бояд пешгирӣ карда шавад. Кормандони хадамоти ёрирасон (марказҳои бӯҳронӣ, паноҳгоҳҳо, ташкилоти гуногуни ёрирасон ва ғ.) набояд чунин муносибатҳои манфӣ ва табъизро нисбати шахсони дорои маъюбият тақвият диҳанд. Аз ин рӯ, бояд аз истилоҳоти номақбул канорагирӣ кард ва мафҳумҳои дар поён овардашударо истифода намуд.

Бо вуҷуди ин, якчанд нуктаро бояд дар хотир дошт. Аввалан, истилоҳоти дурусти сиёсӣ/стратегӣ пайваста ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, рӯйхати доимии истилоҳоти дуруст вуҷуд надорад. Сониян, тағйири воқеии рафтор боиси тағйироти дахлдори истилоҳоти истифодашуда мегардад ва аввалӣ нисбат ба охирӣ хеле муҳимтар аст. Вақте касе ба дурустии истилоҳоти истифодашуда боварӣ надорад, ӯ аз пурсидани фикри шахси дорои маъюбият нисбати он натарсад. Муколамаи ошкоро оид ба масъалаҳои маъюбӣ роҳи бартараф намудани монеаҳои зиёд аст ва қотеъона тавсия дода мешавад, ки ба ҷойи аз тарси

хатокорӣ хомӯш нишастан, дар муошират бо одамони дорои маъюбият истифода шавад. Чунин муносибат бори дигар шаъну шарафи маъюбонро таъкид мекунад ва дар ниҳоят ба пешбурди ҳуқуқҳои шахсони дорои маъюбият мусоидат мекунад.



**Истилоҳоте, ки бояд истифода шавад ва истилоҳоте, ки аз он канорагирӣ бояд кард!**

| **Аз калимаҳо ва мафҳумҳое, ки қолабҳоро эҷод намекунанд, ИСТИФОДА БАРЕД:** | **Аз калимаҳо ва мафҳумҳое, ки қолабҳоро эҷод мекунанд, КАНОРАГИРӢ НАМОЕД:** |
|---|---|
| Шахс/зан/кӯдак/кӯдакон, писар/духтари дорои маъюбият (мафҳуми расмии "маъюб", ки дар қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ истифода мешавад, қобили қабул аст, аммо барои истифода дар нутқ ва матн тавсия дода намешавад) | Шахси имконияташ маҳдуд, шахси қобилияташ маҳдуд, шахси масъулияташ маҳдуд, касал, маълул (маъюб), маъюбшуда, иллатдор, шахси нуқсдор/саломатиаш нуқсондор |
| Шахси бидуни маъюбият | Муқаррарӣ/солим (ҳангоми муқоисаи одамони дорои маъюбият ва бидуни маъюбият) |
| Шахсе, ки аробачаи маъюбиро истифода мекунад; шахсе, ки бо аробачаи маъюбӣ ҳаракат мекунад; шахс дар аробача | Занҷирбанди аробачаи маъюбӣ, фалаҷ, "аробасавор", одам дар курсии равон |
| Шахс (кӯдак, кӯдакон)-и дорои фалаҷи мағзи сар («ЦП»)) | Аз «ДЦП» (фалаҷи мағзи сари кӯдакон) азият мекашад, бемории фалаҷ дорад, «дэцэпэшник» |
| Шахсе, ки гирифтори полиомиелит шудааст; шахсе, ки бемориро аз сар гузаронидааст, дар натиҷаи ... маъюбӣ дорад | Аз полиомиелит/оқибатҳои полиомиелит азият мекашад; қурбонии беморӣ, каҷпо |
| Шахси дорои инкишофи махсус, шахси дорои маъюбии руҳӣ/бо хусусиятҳои инкишофи зеҳнӣ, шахси дорои нуқсонҳои зеҳнӣ / равонӣ | Ақлан қафомонда, камақл, ноқисулақл, беақл, «тормоз», аблаҳ, шахси аз инкишофи зеҳнӣ қафомонда, бо ноқисии зеҳнӣ |
| Шахс/кӯдак бо синдроми Даун, кӯдакон бо синдроми Даун | «Даун», «монголоид», «даунята», «дауненок» (дар бораи кӯдакон бо синдроми Даун), шахси дорои бемории Даун |
| Шахси гирифтори аутизм, кӯдак (кӯдакон)-и гирифтори аутизм (истилоҳоти расмӣ – «шахсе, ки ихтилоли спектри аутизм дорад (РАС)») | Бемори аутизм; аутист |

| | |
|---|---|
| Шахси гирифтори саръ (эпилепсия) | Эпилептик, тутқулоқ, касалии саръ, гирифтори хурӯҷи тутқулоқ |
| Шахси дорои хусусиятҳои инкишофи равонӣ, шахси дорои хусусиятҳои инкишофи эҳсосотӣ | Девона, беақл, одамони дорои мушкилоти равонӣ, одамони гирифтори бемории руҳӣ |
| Нобино, шахси босирааш суст, одами дорои маъюбият аз рӯи нобиноӣ, шахси дорои ихтилоли биноӣ | Кӯр (мисли кӯрмуш), тамоман кӯр |
| Ношунаво, шахси шунавоияш суст, шахси дорои маъюбият аз рӯи шунавоӣ, шахсе, ки аз забони имову ишора истифода мебарад, шахси дорои ихтилоли шунавоӣ | Кару гунг, кар (мисли кунда), гунг, шахс бо нуқсони шунавоӣ, шахс (кӯдак)-и шунавоиаш паст, истифодабарандаи забони имову ишора |
| Забони русӣ/тоҷикии имову ишора (ҳамин хел забон ба монанди русӣ, англисӣ ва ё дигар забон) | Забони имову ишора – ин муошырати ғайришифоҳӣ бо истифода аз узвҳои бадан |
| Тарҷумони забони имову ишора | Сурдотарҷумон |




**Қоидаҳои одоб, ки аз ҷониби шахсони дорои маъюбият тахия шудаанд:**

- ✓ Ҳангоми сӯҳбат бо шахси дорои маъюбият, **мустақиман бо ӯ сӯҳбат кунед, на бо шахси ҳамроҳикунандаи ӯ ё бо тарҷумони забони имову ишора.** Дар бораи шахси дорои маъюбияти ҳузурдошта ба ҳамроҳонаш дар шахси сеюм ҳарф назанед, бо ҳамаи саволу пешниҳодҳои худ бевосита ба худи ӯ муроҷиат кунед.

- ✓ Ҳангоми сӯҳбат бо шахсе, ки мушкилоти муоширатӣ дорад, ӯро бо диққат гӯш кунед. **Сабр кунед, мунтазир бошед, ки худи ӯ суханашро тамом кунад.** Ӯро ислоҳ накунед ва ё ба ҷои ӯ суханашро пурра накунед. Агар ҳамсӯҳбатро нафаҳмед, аз бозпурсидан шарм накунед.

- ✓ Ҳангоми муошират бо шахсе, ки хуб намебинад ё тамоман намебинад, **ҳатман номи худ ва онҳоеро, ки бо шумо омадаанд, номбар кунед.** Агар шумо дар гурӯҳ сӯҳбати умумӣ дошта бошед, пас, муаррифии худро фаромӯш накунед ва фаҳмонед, ки шумо ҳоло ба кӣ муроҷиат карда истодаед. Ҳангоми ба канор рафтан, ҳатман бо овоз огоҳ кунед (ҳатто агар шумо барои як муддати кӯтоҳ ба канор равед).

-

✓ Пеш аз ёрӣ расонидан, аввал пурсед.



Шарт нест, ки шахсони дорои маъюбият ҳатман ба кӯмаки дигарон эҳтиёҷ дошта бошанд. Шумо пешакӣ тахмин карда наметавонед, ки онҳо ба чӣ ва чӣ гуна кӯмак ниёз доранд. Пеш аз амал кардан, шумо бояд аз шахси дорои маъюбият пурсед, ки оё вай ба кӯмаки шумо ниёз дорад. Беҳтар аст, ки худи шахс фаҳмонад, ки ӯ ба чӣ гуна кӯмак ниёз дорад. Дар Тоҷикистон мардум одатан бо нияти нек ба шахсони дорои маъюбият фавран кӯмак расониданӣ мешаванд, аммо агар ин барои шахси дорои маъюбият фишори равонӣ эҷод кунад, аз ин гуна кӯмак бояд даст кашид. Дар ин ҳолат – ин тавсияи муҳими амалӣ аст, ки дар ин ҷо бояд ба мустақилияти шахси дорои маъюбият эҳтиром гузошта шавад. Агар шумо кӯмак карданӣ бошед, пешниҳод намоед ва интизор шавед, ки он қабул шавад, сипас пурсед, ки чӣ кор кардан ва чӣ гуна бояд кард, пас аз он амал кунед. Агар нафаҳмидед, шарм надоред - боз пурсед.

*Масалан: агар шахси нобиноро ҳамроҳӣ кардан лозим бошад, пас аз дасти ӯ гирифта накашед, балки пурсед, ки чӣ гуна шумо метавонед дар ҷои ношинос ба ӯ кӯмак расонед. Худи шахси нобино ба шумо мефаҳмонад, ки чӣ тавр ин корро беҳтар кардан лозим аст (касе иҷозат мепурсад, ки дасташро ба китфи ҳамроҳикунанда гузорад, касе аз оринҷ гирифтанро афзалтар медонад, касе хоҳиш мекунад, ки худи ӯро зери оринҷ гирад, ба нафаре кифоя аст шифоҳӣ фаҳмонад ва ғайра).*



Ҳангоми вохӯрӣ бо шахси дорои маъюбият **даст фишурдан табиист** – ҳатто онҳое, ки дар ҳаракати даст мушкилӣ доранд ва ё аз протез истифода мебаранд, метавонанд дасти рост ё чапро фишуранд, ки ин қобили қабул аст.

**Аробачаи маъюбӣ, асобабағал, асои сафед, саги роҳбалад ҷузъи фазои дахлнопазири шахсони дорои маъюбият мебошанд.** Ба он ҳо даст нарасонед! Ба аробачаи маъюбии касе такя кардан ё овезон шудан баробар ба соҳибаш такя кардан ё овезон шудан аст. Саги роҳбалад бошад, натанҳо шахси дорои маъюбиятро ҳамроҳӣ мекунад, балки кор мекунад, - онро сила кардан, ба вай хӯрок додан ва ғайра мумкин нест, агар соҳибаш иҷозат надода бошад. Даст расонидан ба дастгоҳи ёрирасон ва сагҳои роҳбалад мумкин нест, то он даме, ки шахси дорои маъюбият худаш барои ин иҷозат надиҳад.



Ҳангоми сӯҳбат бо шахси дар аробачаи маъюбӣ нишаста ё бо шахси қадаш паст, **худро тавре ҷойгир кунед, ки чашмони шумо ва ӯ дар як сатҳ бошанд.** Сӯҳбат бароятон осонтар мешавад ва ба ҳамсӯҳбататон сарашро боло кардан лозим намешавад.

✓ Ба кӯдакон ва наврасони дорои маъюбият бо ном муроҷиат намоед - ба калонсолон бошад, айнан тавре ки ба одамони бидуни маъюбият муроҷиат мекунед (баробар, бе ғурур, бе оҳанги васоят ва парасторӣ). Бо шахсони дорои маъюбият ҳамчун бо калонсолон муроҷиат намоед. Номро гирифта бо "ту" гап задан мумкин аст, танҳо ба шарте, ки онҳоро хуб шиносед.



✓ Хиҷолат накашед, агар шумо тасодуфан ба касе, ки аслан дида ё шунида наметавонад: "То боздид" ё: "Оё шумо дар ин бора шунидаед ...?", гуфтед. Одамони дорои нуқсонҳои шунавоӣ ва биноӣ ҳамон калимаҳои шиносро истифода мебаранд, зеро онҳо низ мешунаванд ва мебинанд, аммо ба тарзи дигар. **Ҳангоми ба дасти шахси нобино супоридани чизе, ба ҳеҷ ваҷҳ нагӯед: "Инро ламс кунед",** тавре ки одатан мегӯед - "Ба ин нигоҳ кунед", ин тавр гӯед. Ва ба одаме, ки дар аробача нишастааст, нагӯед, ки «ронед ё гузаред». Бигӯед: «Он ҷо равед», «Ба ин ҷо гузаред» (шахс мошин ё катораро меронад, аммо бо аробачаи маъюбӣ роҳ меравад).



✓ Пеш аз тахмини худро асоснок намудан, саволҳо диҳед. Шахсони дорои маъюбият қарорҳои худро қабул мекунанд. Шумо бояд аз қабули қарорҳо аз номи онҳо дар асоси тахминҳои худ худдорӣ намоед. Ба ҷои ин, шумо бояд ба онҳо маълумот диҳед, саволҳои худро пешниҳод намоед ва андешаҳои онҳоро гӯш кунед. Вақте ки ба онҳо барои қабули қарорҳои худ маълумоти иловагӣ лозим шавад, он бояд ба қадри имкон пурра ба онҳо дода шавад.

✓ Тамоси ҷисмонӣ. Ба шахсони дорои маъюбият бояд эҳтиромона, чун ба ҳар як ҳамсолони бидуни маъюбият муносибат кардан лозим аст. Ба сару китф даст задан бемавқеъ ба ҳисоб рафта, он ҳамчун парастории аз ҳад зиёд қабул карда мешавад. Ҳангоми вохӯрӣ бо шахсони дорои маъюбияти ҷисмонӣ, шумо бояд боэҳтиёт бошед, то шахси дорои маъюбият аз тамоси ҷисмонӣ бо шумо мувозинатро гум накунад. Онҳо метавонанд ба шумо даст (ё дар баъзе мавридҳо пой)-ро барои фишурдан пешниҳод кунанд, агар ин гуна дастфишорӣ аз ҷиҳати фарҳангӣ пазируфта шуда бошад. Дар акси ҳол, салом бо як табассум барои тамоси аввалин тарзи хуб аст.

✓ Вақте ки шумо ба шахсони дорои ихтилоли биноӣ наздик мешавед, пеш аз даст фишурдан ё ламс кардан, шумо метавонед аввал бо онҳо сӯҳбат кунед ва ба ин васила нишон диҳед, ки шумо ба он ҳо наздик шудаед. Агар зарур бошад, аз шахси дорои ихтилоли биноӣ пурсед, ки оё барои ҳаракат ба вай даст додан лозим аст.

- ✓ Ҳангоми наздик шудан ба шахсони дорои ихтилоли шунавоӣ, тамоси ҷисмонии аз чашм дур қобили қабул нест ва метавонад онҳоро тарсонад. Шумо бояд дар рӯ ба рӯи онҳо бошед, то онҳо шуморо пеш аз ламс карданатон бубинанд.

## Фасли II. Бақайдгирии далелҳои зӯроварӣ нисбати занон ва духтарони дорои маъюбият тибқи стандартҳои Протоколи Истамбул

Дар фасли мазкур маълумот оид ба бақайдгирии самараноки зӯроварӣ нисбати зан/духтари дорои маъюбият оварда шудааст. Он ба асосҳои зерин такя мекунад:

1) махсусиятҳои гузаронидани пурсиш;
2) муайяннамоии ҷароҳатҳои ҷисмонӣ дар натиҷаи зӯроварӣ;
3) баҳогузории оқибатҳои равонии зӯроварӣ нисбати занон/духтарон;
4) шикоят аз натиҷаҳои экспертизаи судии тиббӣ ва руҳиву равонӣ;
5) тамос/суроғаҳои марказҳои ташхиси тиббиву судӣ.



### Гузаронидани пурсиш бо занон ва духтарони дорои маъюбият (гендер/маъюбӣ).

Ҳуҷҷатгузорӣ аз якчанд марҳила иборат аст, ки яке аз онҳо мусоҳиба бо ҷабрдидаи эҳтимолии зӯроварӣ мебошад. Пеш аз оғози мусоҳиба мутахассиси ташкилот бояд аз номи ҷабрдида ба номи ташкилот аризаи хаттӣ - «Розигӣ» гирад.




Дар ариза қайд мегардад, ки ҷабрдида розӣ аст, ки ташкилот:
- кӯмаки ҳуқуқӣ, тиббӣ ва равонӣ расонад;
- аз номи ҷабрдида тамоми маълумоти тиббиро оид ба вазъи саломатиаш, натиҷаҳои ташхиси судиву тиббиро аз муассисаҳои соҳаи тиб ҷамъоварӣ намояд (моддаи 35 Кодекси тандурустии ҶТ).

Пас аз он ки мутахассис розигии ҷабрдидаро барои баррасии парвандааш гирифт, бо ҷабрдида барои бақайдгирии ҳодисаи зӯроварӣ мусоҳиба гузаронад. Ҳамчун намунаи гузаронидани мусоҳиба барои бақайдгирии ҳолати зӯроварӣ, шумо метавонед варақаи оддиро истифода баред[6]

[6] ЗАМИМАИ IV. Принсипҳои роҳбарикунанда ҷиҳати гузаронидани ташхиси тиббӣ нисбати шиканҷа ва муносибати бераҳмона. Протоколи Истамбул.

## *БОЯД ДОНИСТ!*
## *ҲАНГОМИ ПУРСИШ МУТАХАССИС БОЯД СТАНДАРТҲОИ ЗЕРИНРО РИОЯ НАМОЯД:*



⇒ риояи қатъии принсипи махфият;
⇒ бо хоҳиши пурсидашаванда махфияти шахсият риоя карда шавад;



⇒ мустақилияти касбӣ ва беғаразӣ риоя карда шавад;
⇒ бояд розигии огоҳона (бошуурона) барои пешбурди парвандаи ҷабрдида бошад;
⇒ истифодаи диктофон (бо розигии пешакии ҷабрдида), агар шумо барои навиштани ҷузъиёт вақти кофӣ надошта бошед;




⇒ ба ҷабрдида фаҳмонед, ки қайдҳои диктофон барои баррасии ҳамаҷонибаи ҳолати зӯроварӣ зарур аст;
⇒ пурсиш бояд чунин шакл дошта бошад: пешниҳоди маълумот оид ба шахсияти худ ва ташкилот (бо чӣ машғул ҳастед, ба кӣ кӯмак мерасонед), маълумоти шахсӣ, ҳолатҳои парванда, зӯроварии ҷинсӣ ва равонӣ;
⇒ аз саволҳои оддӣ (бидуни эҳсосӣ) ё умумӣ оғоз намуда, сипас ба саволҳои нозуктар ва баъдтар ба мушкилоти амиқтар гузаред;
аз ҳама гуна шаклҳои пурсиш, муносибат, услуби сӯҳбат, ки метавонад ба қурбонӣ ҳолати зӯровариро хотиррасон кунад ё ҷабрдидаро маҷбуран ба сукут барад, худдорӣ кунед;










⇒ ҳолатҳои зӯроварӣ (санаи содиршавии зӯроварӣ), усулҳои зӯроварӣ (лату кӯб, таҳдидҳои равонӣ ё фишор, шоҳидони эҳтимолӣ)-ро бояд пурра ва муфассал ҳуҷҷатгузорӣ кунед ва аз рӯи имконот вазъи саломатии пеш аз зӯроварӣ ва баъд аз онро бе осеб расонидан ба қурбонии зӯроварӣ баҳогузорӣ кунед;



⇒ баррасии фаъолро истифода бурда, ҳамзамон чизҳои шунидашударо қайд намоед,
⇒ ҳамдардии беғаразонаро зоҳир намоед,
⇒ фазои боэътимод, хушмуомилагӣ ва муҳити мусоидро фароҳам оваред.

⇒ ба ҷабрдида хабар диҳед, ки ӯ метавонад танаффус гирад, мусоҳибаро қатъ кунад ва ё онро ба рӯзи дигар гузаронад;

⇒ пеш аз ба итмом расонидани мусоҳиба, оҳиста ба мавзӯъҳое гузаред, ки ҳаяҷони эҳсосиро коҳиш медиҳанд;

⇒ ба ҷабрдида ҳеҷ гоҳ кафолат надиҳед, ки шумо дар баррасии парвандаи ӯ пирӯз хоҳед шуд, шумо танҳо ваъда дода метавонед, ки ташкилоти шумо ба ӯ ёрии ҳуқуқӣ, тиббӣ ва равонӣ мерасонад;

⇒ аз ҷабрдида нишон додани нишонаҳои латукӯбро талаб накунед.

## *Бақайдгирии ҷароҳатҳои бадан дар натиҷаи зӯроварӣ бардошташуда*

Дар сурати бардоштани ҷароҳат аз ҷониби занон ва ё духтарони дорои маъюбият бо сабаби зӯроварӣ қонунгузор тартиби бақайдгирии ин ҷароҳатҳоро бо роҳи гузаронидани муоинаи тиббӣ ва ё ташхиси судиву тиббӣ пешбинӣ намудааст. Натиҷаҳои муоинаи тиббӣ ва ташхиси судиву тиббӣ яке аз далелҳои самарабахш дар тафтиши ҳолатҳои зӯроварӣ мебошад. Тартиби таъин ва гузаронидани ташхисро Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (боби 24), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташхиси давлатии судӣ» ва Тартиби методии (стандарт) ташкил ва истеҳсоли ташхиси судиву тиббии муассисаҳои давлатии судиву тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад[7].

### Номгӯи саволҳо ба коршиноси судиву тиббӣ барои бақайдгирии ҷароҳатҳо.

***Ташхиси занон ва духтарони гирифтори зӯроварии шаҳвонӣ:***

- Оё пардаи бакорат вайрон шудааст (дар ҳолати муоинаи духтарон)?
- Оё алоқаи ҷинсӣ бе вайрон шудани пардаи бакорат ҷой дошт (дар ҳолати муоинаи духтарон)?
- Оё дар паҳлӯҳо, узвҳои таносули занона ва дигар қисмҳои бадан гематомаҳо ва ҷароҳатҳо вуҷуд доранд?
- Оё дар узвҳои таносул намунаҳои биологӣ (нутфа, мӯй) дида мешаванд?
- Давомнокӣ ва механизми ҷароҳатро муайян кунед.
- Оё вақт ва механизми ҷароҳат ба санаи тасдиқкардаи шахси ташхисшаванда ва ба ҳодиса/ҷароҳат мувофиқат мекунад?

***Ташхиси ҷароҳатҳои зан ё духтари дорои маъюбият дар натиҷаи латукӯб:***

- Оё дар бадани ташхисшаванда аломатҳои ҷароҳат ҳаст?
- Агар бошанд, вақт ва механизми бардоштани ҷароҳатро муайян намудан лозим аст.
- Оё ҷароҳатҳои мазкур метавонистанд дар санаи тасдиққардаи ташхисшаванда гирифта шуда бошад?

[7] Бо қарори вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 ноябри соли 2014, №918 қабул шудааст.




***Гузаронидани ташхиси судиву тиббии таҷовузгари эҳтимолӣ оид ба далели таҷовуз ба номуси занон/духтарон:***

- Оё дар бадани шахси ташхисшаванда (шахси таҷовузгари эҳтимолӣ) ҷароҳатҳо мушоҳида мешаванд?
- Агар бошанд, вақт ва механизми пайдоиши ҷароҳатҳоро муайян намудан лозим аст.
- Оё шахси ташхисшаванда метавонист ин ҷароҳатҳоро ба худаш расонад?
- Муайян намудани қобилияти шахси ташхисшаванда ба алоқаи ҷинсӣ.
- Оё дар бадани шахси ташхисшаванда, аз ҷумла, дар ҷойҳои газида ва харошидашуда, намунаҳои биологӣ (оби даҳон, хун, мӯй) дида мешаванд?
- Оё намунаи ДНК дар намунаҳои биологии муайяншуда бо ДНК-и ҷабрдида мувофиқат мекунанд?

Номгӯи саволҳои мазкур ниҳоӣ нестанд, Шумо метавонед дигар саволҳоро низ вобаста ба ҳолати зӯроварӣ пешниҳод намоед.

**Бояд донист!**



Асос барои гузаронидани ташхис аризаи хаттии худи зан ва ё духтари дорои маъюбият (ё намояндаи қонунии онҳо ва ё парасторон) тибқи моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташхиси давлатии судӣ» ва ё қарори мақомоти тафтишотӣ мебошад.

- Барои гузаронидани ташхиси судиву тиббӣ ва ё муоинаи тиббӣ, муоинакунандагон ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти зан ва ё духтари дорои маъюбиятро талаб мекунанд. Аммо ҳангоми содир шудани зӯроварӣ аз ҷониби аъзои оила ҷабрдида метавонад аз хона фирор кунад ва барои гирифтани шиноснома ва дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияташ вақт надошта бошад. Дар ин ҳолат ташкилоти ҷамъиятӣ метавонад дар варақаи худ барои гузаронидани ташхис ариза тартиб диҳад ва ҷабрдидаро ҳамроҳӣ кунад.
- Ҳамзамон, на ҳамаи ҷабрдидагон имкон доранд хароҷоти вобаста ба гузаронидани ташхисро пардохт кунанд. Барои ройгон гузаронидани ташхис аз Маркази шуғли аҳолӣ, аз раиси маҳалла оид ба камбизоатӣ ё дар ҳолати вазнини зиндагӣ қарор доштани шахс маълумотнома лозим аст. Дар ин ҳолат худи ташкилоти ҷамъиятӣ метавонад хароҷоти истеҳсоли ташхис ва хариди доруҳоро (дар ҳолати зарурӣ) пардохт кунад ва тамоми борхат (квитансия)-ҳоро нигоҳ дорад. Аз рӯи натиҷаҳо ташкилоти ҷамъиятӣ метавонад ба ҷабрдида тибқи моддаи 127 «Пешниҳод кардани даъвои гражданӣ»-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷуброни зарари маънавӣ ва моддӣ ариза пешниҳод намуда, тамоми хароҷотро аз ҳисоби гумонбаршуда ситонад.
- Дар асоси ин меъёр, новобаста аз он, ки ҷабрдида бо сабабҳои узрнок шиносномаи худро пешниҳод карда наметавонад, коршинос метавонад сурати ҷабрдидаро гирад (андозаи 3х4 см), шахсияти шахси муоинашавандаро тасдиқ намояд, баъдтар

**Бояд донист!**



Зан ва ё духтари дорои маъюбият (намояндаи қонунӣ ё парастор) ва ё мутахассиси ташкилот бояд ба коршинос ҳуҷҷатҳои тиббии мавҷударо пешниҳод намоянд, аз ҷумла:

- дафтарчаи тиббӣ ё дигар ҳуҷҷатҳои тиббӣ (натиҷаҳои МРТ, КТ ва ғайра), ки дар он мушоҳидаҳои табибон оид ба вазъи саломатии пеш аз зӯроварӣ ва ғ. қайд шудаанд.

Ин ҳуҷҷатҳои тиббӣ барои самаранок гузаронидани ташхис ва хулосабарорӣ заруранд. Дар сурати набудани ҳуҷҷатҳои дар боло зикршуда ва ё гумшуда, мутахассиси ташкилот бояд онҳоро аз муассисаи тиббии дахлдор талаб намояд.

**Аксбардорӣ ва ташхиси лаборатории ҷароҳатҳои бардошташуда:**



- Пеш аз муоина мутахассиси ташкилоти ҷамъиятӣ бояд ба ҷабрдида аҳамияти аксбардории ҷароҳат ва истифодаи онҳоро ҳамчун далел барои тафтиши самараноки шикоят дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаҳмонад.
- Мутахассиси ташкилоти ҷамъиятӣ бояд дар баробари хулосаи ташхиси судиву тиббӣ акси ҷароҳатро низ аз коршиноси судиву тиббӣ талаб намояд!
- Ҳангоми таҳлили хулосаи экспертӣ мутахассис бояд ба он диққат диҳад, ки натиҷаи санҷишҳои лабораторӣ (арзёбии мӯйҳои ошкоршуда, нутфа, хун ва ғ.) ба хулоса дохил карда шудаанд ва умуман, чунин баҳодиҳӣ гузаронида шудааст.
- Асл ва ё нусхаи МРТ, ташхиси рентгенӣ ва дигар натиҷаҳои ташхис дархост гардад ва ба ҳуҷҷатҳои ҷабрдида ҳамроҳ шавад.

**Ташхиси шахси ҷинояткори гумонбаршуда.**

Хеле муҳим аст, ки дар баробари саривақт гузаронидани ташхиси зан ва ё духтари дорои маъюбият, ки мавриди таҷовуз, ҳаракати бадахлоқона ё латукӯб қарор гирифтаанд, инчунин муоинаи гумонбаршуда гузаронида шавад. Мутахассиси ташкилот бояд ҳарчӣ зудтар - на дертар аз 2-3 рӯз муоинаи шахси гумонбаршударо талаб ва дархост намояд, то ки нишонаҳои ҷароҳат гум нашаванд (эҳтимол дар бадани шахси гумонбаршуда қатраҳои хун, мӯй ва ғайра боқӣ монда бошанд). Агар ҷабрдида дер муроҷиат карда бошад ҳам, муоинаи шахси гумонбаршударо талаб кардан лозим аст, зеро захмҳои бадани ӯ то як ё ду ҳафта боқӣ монданаш мумкин аст.

Бояд қайд кард, ки агар дар либос ва ё дар бадани гумонбаршуда намунаҳои биологӣ пайдо шаванд, ташхиси ҳатмии генетикии молекулавиро барои муайян кардани он ки оё намунаҳои биологӣ ба ҷабрдида (дар ин ҳолат қурбонии зӯроварӣ) тааллуқ доранд, зарур аст.

Ё ҳангоми муоинаи зан дар бадан ё либосаш намунаҳои биологӣ (мӯй, нутфа, хун ва ғайра) низ ошкор карда мешавад.
Бинобар ин, барои мутахассис хеле муҳим аст, ки ташхиси генетикии молекулавиро нисбат

ба гумонбаршуда ва ҷабрдида талаб намояд.

Ҳамзамон дар баъзе ҳолатҳо гумонбар бо баҳонаи он ки алоқаи ҷинсӣ карда наметавонад, содир кардани таҷовуз ва ҳаракатҳои бадахлоқонаро рад мекунад.

Дар ин сурат ба мутахассиси ташкилот зарур аст, ки нисбати шахси гумонбар гузаронидани ташхисро талаб намояд:
- нисбати қобилияти алоқаи ҷинсӣ ва бордоркунӣ;
- нисбат ба мансубияти ӯ ба ҷинс (дар ҳолатҳое, ки гумонбаршуда аз ҷинси биологии худ даст кашад);
- барои ташхиси шахси ноболиғ (ҷабрдидаи эҳтимолии зӯроварӣ) дар рафти баҳогузории ташхис даъвати намояндаи ҳуқуқӣ таъмин карда шавад;
- бо истифода аз усулҳои навтарини тадқиқот таҳқиқи либос барои муайян кардани намунаҳои биологӣ.

***Ташхиси занони дорои маъюбият (онҳое, ки қаблан ҳаёти ҷинсӣ доштанд)!***

Дар рафти муоинаи акушериву гинекологӣ дар мавриди таҷовуз ба номуси заноне, ки қаблан ҳаёти ҷинсӣ доштаанд, пеш аз ҳама, коршинос вазифадор аст, ки мавҷудияти нутфа дар маҳбали зан ва мавҷудияти ҷароҳатҳои хусусияти зӯроварӣ доштаро муайян намояд. Санҷиш бояд **дар давоми 5 рӯз** аз рӯзи таҷовуз гузаронида шавад. Сарфи назар аз гузаштани ин мӯҳлат, дар ҳар сурат, барои муоина муроҷиат кардан лозим аст, зеро он барои муайян кардани нишонаҳои ҷароҳатҳо ва ё дигар намунаҳои биологӣ имкон медиҳад.

Инчунин ба ҷабрдида фаҳмонидан лозим аст, ки либосҳоро нигоҳ дорад (нашӯяд, дар ҷои тару намнок нигоҳ надорад, ин ба ҳодисаҳои таҷовуз ба номуси духтарон низ дахл дорад), онҳоро барои муоинаи намунаҳои эхтимолии биологӣ (мӯй, қатраҳои хун, нутфа ва ғайра) ба муассисаи судиву тиббӣ пешниҳод намояд.

***Ташхиси духтарони дорои маъюбият (онҳое, ки ҳаёти ҷинсӣ надоштанд)!***

Мутахассис бояд дар давоми 5 рӯз аз рӯзи таҷовуз ба номус ва ҳаракатҳои бадахлоқона (1-2 рӯз) барои муоинаи комиссиявӣ (ташхиси гинекологиву проктологӣ, генетикии молекулавӣ) нисбати ҷабрдидаи зӯроварӣ ва шахси гумонбаршуда муроҷиат намояд.
Дар ҳолатҳое, ки ҷабрдида ноболиғ аст, ҳангоми муоина ҳузури равоншинос, волидайн ва ё намояндаи қонуниро талаб кардан лозим аст.

## ***Арзёбии оқибатҳои равонии зӯроварӣ нисбат ба*** **занон ва ё духтарони *дорои* маъюбият**

Барои муайян кардани зӯроварии равонӣ ва оқибатҳои он, мутахассис бояд барои гузаронидани ташхиси руҳиву равонӣ муроҷиат кунад.
Дар амалияи истифодаи ҳуқуқӣ ҳангоми таъини ташхиси судиву тиббӣ вазифаи асосӣ аксар вақт муайян намудан ва арзёбии ҷароҳатҳои ҷисмонӣ ба ҳисоб меравад. Зӯроварии равонӣ ва оқибатҳои он бошад, аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ арзёбӣ намегардад.
Қайд намудан муҳим аст, ки на ҳамаи ҷабрдидагон - занон ва ё духтарон саривақт барои бақайдгирии ҷароҳатҳои ҷисмонӣ муроҷиат мекунанд. Дар мавриди ташхиси намудҳои равонии зӯроварӣ бошад, вазъият боз ҳам мушкилтар аст, зеро ягон осори чунин зӯроварӣ умуман намоён намешавад.

Дар ин ҳолат, илми муосир ва стандартҳои байналмилалӣ усулҳои худро барои арзёбии эҳтимолии оқибатҳои равонии зӯроварӣ тавассути ташхиси руҳӣ ва равонӣ пешниҳод мекунанд.

| Усулҳои зӯроварии равонӣ: | Оқибатҳои равонии зӯроварӣ: |
|---|---|
| - таҳқири мунтазам дар танҳоӣ, дар назди аъзоёни оила ё дар ҷомеа;<br>- таҳқири вазъи саломатӣ, маъюбӣ;<br>- таҳдид ва кӯшиши задан, буғикунӣ ё куштор;<br>- кӯшиши таҷовуз;<br>- вобастагии иқтисодӣ, таҳдиди пеш кардан аз хона, рад кардани кӯмаки молиявӣ ва ғ. | - хоҳиши канорагирӣ аз ҳар гуна фикр, сӯҳбат, фаъолият, ҷой ё шахсе, ки хотираҳои зӯроварии аз сар гузаронидаро бедор мекунад;<br>- ба хотир оварда натавонистани ин ва ё он ҷузъиёти муҳими ҳодиса;<br>- харобии асаб (дарди сар ва ё дигар намудҳои нотобӣ);<br>- ихтилоли ҷинсӣ;<br>- пайдошавии касалии руҳӣ;<br>- худбаҳодиҳии паст ва дурнамои маҳдуд;<br>- кӯшишҳо ва ё фикрҳои худкушӣ;<br>- сӯиистифода аз машрубот ва маводи мухаддир;<br>- беақлӣ ва васвасаи таъқиб;<br>- ихтилоли соматикӣ (дарди сар ва/ё дигар бемориҳои ҷисмонӣ);<br>- мушкилоти хоб бурдан ё хоб кардан[9] |

## Ташхисии равонӣ/руҳӣ

Пас аз зӯроварӣ, ҷабрдидагон, бахусус занон/духтарони дорои маъюбият, метавонанд ба оқибатҳои равонии зӯроварӣ, бахусус бемории ташаннуҷи руҳӣ (стресс)-и пас аз осеб ва ё афсурдагӣ (депрессия)-и шадид рӯ ба рӯ шаванд. Ин оқибатҳо дар таснифи байналмилалии бемориҳо (МКБ-10) нишон дода шудаанд ва аз ин рӯ, барои муайян кардани ин беморӣ/диагноз ташхиси судиву равонӣ-руҳӣ аз ҷониби руҳшинос ё психотерапевти дорои маълумоти тиббӣ гузаронида мешавад. Равоншинос барои муайян кардани ҳолати умумии равонӣ ва таҳияи чораҳои муайян оид ба офиятбахшии минбаъдаи ҷабрдидаи зӯроварӣ ҷалб карда мешавад.

Мақсади умумии ташхиси равонӣ ва руҳӣ аз он иборат аст, ки дараҷаи мувофиқатии маълумоти ин ё он шахс дар бораи зӯроварӣ ба маълумоти психологии ҳангоми муоина ба даст овардашуда баҳогузорӣ шавад, хусусан, то чӣ андоза оқибатҳои равонӣ ва ҳолати ҷабрдида бо зӯроварии содиршуда вобастагӣ дорад. Дар ин ҳолат, ташхис бояд анамнези муфассали шахси ташхисшаванда, муоинаи ҳолати руҳии ӯ, баҳодиҳии фаъолияти иҷтимоӣ ва хулосаҳои клиникиро дар бар гирад.

Барои муайян кардани оқибатҳои равонии зӯроварӣ мутахассиси ташкилот метавонад дар шакли хаттӣ ба диспансери бемориҳои руҳӣ ва ё муассисаи бемориҳои рӯҳӣ барои гузаронидани ташхиси руҳӣ бо ҷалби равоншинос муроҷиат намояд (тибқи моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташхиси давлатии судӣ»).

9 Банди 240 Протоколи Истамбул

*Кӯдакон ва шиканҷа*

Шиканҷа метавонад ба кӯдакон таъсири бавосита ва бевосита дошта бошад.

Аввалан, ҳангоми муоинаи кӯдаке, ки ҷабрдида ё шоҳиди зӯроварӣ ҳисобида мешавад, табиб бояд санҷад, ки кӯдак аз дастгирии парасторон бархӯрдор аст ва ҳангоми муоина ӯ худро бехатар ҳис мекунад. Ин талаб менамояд, ки ҳангоми муоина ҳузури яке аз волидайн ё парастори боэътимоди кӯдак таъмин карда шавад. Сониян, коршинос бояд ба назар гирад, ки кӯдакон аксар вақт фикрҳо ва эҳсосоти марбут ба ҷабри дидаашонро ба таври ғайришифоҳӣ ва бештар бо рафтори худ баён мекунанд. Қобилияти ба таври шифоҳӣ баён кардани фикрҳо ва эҳсосоти кӯдакон аз синну соли кӯдак, сатҳи инкишоф ва дигар омилҳо, аз қабили хусусиятҳои оилавӣ, хусусиятҳои шахсият ва меъёрҳои фарҳангӣ вобаста аст. Агар кӯдак мавриди зӯроварии ҷисмонӣ ё ҷинсӣ қарор гирифта бошад, муҳим аст, ки онҳо аз рӯи имкон аз ҷониби мутахассис дар соҳаи оқибатҳои муносибати бераҳмона нисбати кӯдакон арзёбӣ карда шавад. Муоинаи узвҳои ҷинсии кӯдакон, ки эҳтимоли осеббардории онҳоро бештар менамояд, бояд ба табибоне вогузор карда шавад, ки дар тафсири маълумоти гирифташуда таҷрибаи кофӣ доранд. Баъзан тавсия дода мешавад, ки сабти видеоии муоина гузаронида шавад, то дигар мутахассисон бе ташхиси дубораи кӯдак хулосаи худро баён кунанд. Гузаронидани муоинаи пурраи узвҳои таносул ва мақъад бидуни беҳушкунии умумӣ қобили қабул нест. Илова бар ин, санҷишгар бояд донад, ки худи муоина метавонад ба кӯдак зӯровариро хотиррасон кунад ва ҳангоми муоина кӯдак беихтиёр ба ин ҳаракатҳо эътироз мекунад ва ё осеби сахти равонӣ мегирад **(муфассалтар дар банди 310 Протоколи Истамбул хонед).**

**Барои арзёбии оқибатҳои равонӣ мутахассиси ташкилот бояд пеш аз ташхис барои муайян кардани тасвири клиникӣ саволҳои зеринро пешниҳод кунад:**

- Вазъи равонии ташхисшаванда чӣ гуна аст?
- Оё нишонаҳои бемории стресси баъди осеббардорӣ ва ё депрессияи шадид мушоҳида мегардад?
- Оё ҳолати мазкур метавонад натиҷаи осеби бардошташуда бошад, ки оид ба он шахси ташхисшаванда мегӯяд? Оё маълумотҳои равонӣ ва шикоят мувофиқат мекунанд?
- Оё маълумоти равонӣ посухи чашмдошт ба стресси шадид дар заминаи фарҳангӣ ва иҷтимоии худи шахс мебошад?
- Бо дарназардошти он ки бо мурури замон аломатҳо тағйир меёбанд, ҳудуди вақтии содиршавии зӯроварӣ чӣ қадар аст? Бемор дар кадом марҳилаи сиҳатшавӣ қарор дорад?
- Омилҳои ҳамроҳикунандаи стресс кадомҳоянд ва онҳо ба шахс чӣ гуна таъсир мерасонанд?
- Оё ҳолати ҷисмонӣ тасвири клиникиро душвор мегардонад?

Қайд намудан зарур аст, ки ташхиси равонӣ ва рӯҳӣ бо истифода аз усулҳои гуногун гузаронида мешавад, ҳамчунин, таҳқиқоти иловагии ташхис низ имконпазир аст (МРТ- и мағзи сар, ултрасадои дил).

Ташхис тибқи талаботи шакли нави варақаи тиббӣ гузаронида мешавад. Хулосаи коршиноси судиву руҳӣ (Комиссияи коршиносон) иборат на камтар аз 3 нафар руҳшиносон ва дар ҳолатҳои зарурӣ бо ҷалби равоншинос ва ё дигар мутахассисон гузаронида мешавад.

Тавсия дода мешавад, ки ташхис пас аз 2 моҳ аз рӯзи содир шудани зӯроварӣ гузаронида шуда, пеш аз он, ҷабрдида бо равоншинос таъмин карда шавад.

### *Шикоят аз натиҷаҳои ташхиси судӣ-тиббӣ, руҳӣ-равонӣ ва ё муоина*



Дар ҳолатҳое, ки тартиби гузаронидани ташхиси судиву тиббии занон ва ё духтарон вайрон карда мешавад, аз натиҷаи он шикоят кардан мумкин аст. Аз ҷумла, дар ҳолатҳои мазкур:

- ҳангоми ташхиси ноболиғ равоншинос ва ё намояндаи қонунӣ ҳузур надошта бошанд;
- ташхиси шахси ноболиг бидуни тавзеҳот ва ё розигии хаттии волидайн ва ё намояндаи қонунии ӯ гузаронида мешавад;
- тадқиқоти ҳамаҷониба, аз ҷумла, омӯзиши биологӣ ва ё генетикии молекулавӣ (намунаҳои луобҳо, нутфа, заррахои мӯй) гузаронида намешавад;
- ягон осори ҷароҳат қайд ё аксбардорӣ нашуда бошад, коршинос машваратҳоро бо мутахассисони дахлдор таъин накарда бошад (масалан, нейрохирург ва шикастабанд - ҳангоми шикастани қабурғаҳо ва ё устухонҳо, дандонпизишк, духтури чашм - ҷароҳатҳо дар сар, гинеколог, проктолог, сексопатолог, дерматолог дар ҳолатҳои таҷовуз ва ё ҳаракатҳои бадахлоқона);
- баъзе намудҳои ташхис, аз қабили МРТ, КТ, рентген, ташхиси лабораторӣ оид ба ВНМО ва ғайра аз ҷониби мутахассисони дахлдор гузаронида нашудаанд;
- коршинос аз доираи салоҳияти худ берун баромада, мавҷудияти оқибатҳои равонии зӯровариро рад мекунад (моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташхиси давлатии судӣ»).

Дар ҳолатҳои болозикр ба зан/духтари дорои маъюбият ва ба ҳуқуқшиноси ташкилот зарур аст, ки аз амали коршиноси судӣ-тиббӣ ба мақомоти прокуратура оид ба далели риоя нагардидани меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташхиси давлатии судӣ» ва Тартиби методии (Стандарт)-и ташкил ва истеҳсоли ташхиси судӣ-тиббӣ дар муассисаҳои давлатии судиву тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят намоянд.
Дар шикоят мутахассиси ташкилот бояд вайронкуниҳои аз ҷониби коршинос хангоми гузаронидани ташхис содиршуда, вайронкунии талаботи қонунгузории ҷумҳурӣ ва меъёрҳои Тартиби методии ташкил ва гузаронидани ташхиси судиву тиббиро муфассал ва равшан нишон диҳад.
Хеле муҳим аст, ки мақомоти прокуратура шикоятро харчӣ зудтар баррасӣ намояд.



**Дар ин ҳолат ҳуқуқшинос дар шикоят бояд асосноккуниҳои зеринро нишон диҳад:**

- фиристодани ҷабрдида ба муоинаи иловагӣ барои саривақт ба қайд гирифтани ҷароҳатҳои мавҷуда, зеро осори ҷароҳатҳои ҷисмонӣ метавонад зуд шифо ёбанд;
- баррасии фаврии шикояти ҷабрдида ва ба ҷавобгарӣ кашидани коршиноси судӣ ва ё духтур;
- қабули қарор дар бораи ҳолати ошкор шудани натиҷаҳои тадқиқот ва ташхис;
- замимаи суратҳое, ки аз ҷониби коршинос ба хулосаи тартибдодашуда дохил карда нашудаанд;
- қабули қарор дар бораи далели эҳтимолии фишори равонӣ ё табъизи ҷабрдида аз ҷониби коршинос;
- қабули қарор дар бораи ҳолати эътирофи бесалоҳиятии коршиносе, ки талаботи ташхисро вайрон кардааст ва ғайра.

Дар шакли навшудаи замимаи мобилии «Ман ва ҳуқуқҳои ман», ки аз ҷониби Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази ҳуқуқи инсон» таҳия шудааст, механизми ҳифзи ҳуқуқии аҳолӣ ва мутахассисоне, ки бо мушкилоти риоя нашудани ҳуқуқи инсон ва зӯроварӣ, аз ҷумла, зӯроварӣ дар оила машғуланд, оварда шудааст.

Дар бахши "Роҳнамо"-и замимаи мобилӣ маълумот бо нишонӣ ва маълумот барои тамос бо мақомоти салоҳиятдор оид ба вокуниш ва марказҳои ташхиси судиву тиббии шаҳру ноҳияҳо барои муоина оварда шудааст. Истинод ба барномаи мобилӣ https://hrc.tj/archives/2595.

СММ Занон - ниҳоди Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои баробарии гендерӣ ва тавсеаи ҳуқуқу имкониятҳои занон мебошад. Ҳимоятгар ва раҳнамои фаъоли занону духтарон дар сатҳи ҷаҳонӣ, СММ Занон бо мақсади тақвияти пешрафт дар самти риояи ҳуқуқҳои онҳо дар саросари ҷаҳон таъсис дода шудааст. СММ Занон инчунин фаъолиятро ҷиҳати пешбурди баробарии гендерӣ дар доираи тамоми низоми СММ ҳамоҳанг месозад. www.unwomen.org.

«Афиф» ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявӣ мебошад, ки саъю кӯшиши он ба татбиқи чорабиниҳои муфиди ҷамъиятӣ, башардӯстона, иҷтимоӣ, тиббӣ, иттилоотӣ, таълимӣ, таҳқиқотӣ, фарҳангӣ-маърифатӣ, экологӣ, сайёҳӣ, варзишию солимгардонӣ, таъмини риояи ҳуқуқи инсон ва расонидани кӯмаки башардӯстона ба ниёзмандон равона гардидааст. https://afif.tj/tj/

Муаллифон:

1. Лариса Александрова – коршиноси миллӣ оид ба масъалаҳои баробарии гендерӣ, пешгирии зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ.
2. Саида Иноятова – коршиноси миллӣ оид ба масъалаҳои дарки маъюбияти занон ва пешбурди баробарии гендерӣ байни занон ва духтарони дорои маъюбият.
3. Парвина Наврӯзова – коршиноси миллӣ оид ба ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона тибқи талаботи байналмилалии СММ.

**Ақидаҳои дар нашрияи мазкур овардашуда ба муаллифон таалluқ дорад ва метавонад бо мавқеи расмии СММ Занон, ташкилотҳои бо СММ алоқаманд ва мавқеи Комиссияи Аврупо мувофиқат накунад.**

Инициатива «Луч света» Покончить с насилием в отношении женщин и девочек

АФИФ AFIF

## Замима
## Тамос ва нишониҳои марказҳо ва шӯъбаҳои байниноҳиявии ташхиси судиву тиббии ҶТ

Рӯзҳои қабул ва соатҳои корӣ: аз душанбе то ҷумъа аз соати 8:00 то 17:00

| № | Макон | Марказҳо ва шуъбаҳои байниноҳиявии ташхиси судиву тиббӣ | Нишонӣ | Рақами телефон |
|---|---|---|---|---|
| **Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ** | | | | |
| 1 | ш. Душанбе | Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судиву тиббӣ”-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 59 | 236-99-90 |
| 2. | ш. Ваҳдат | Шуъбаи байниноҳиявии экспертизаи судиву тиббӣ (бо хизматрасонии ш. Ваҳдат, Роғун, н. Файзобод) | ш. Ваҳдат, кӯчаи 20-солагии Истиқлолияти ҶТ (дар беморхонаи марказии ш. Ваҳдат ҷойгир аст) | 907-71-18-95 |
| 3. | н. Рӯдакӣ | Шуъбаи байниноҳиявии экспертизаи судиву тиббӣ | н. Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи Сомонӣ, 72 (дар Маркази саломатӣ, дар ошёнаи 4-ум ҷойгир аст) | 88-999-99-94<br>93-310-50-50 |
| 4. | ш. Ҳисор | Шуъбаи байниноҳиявии экспертизаи тиббию судӣ | ш.Ҳисор, кӯчаи И.Сомонӣ (дар бинои Маркази саломатӣ дар ошёнаи 3-юм ҷойгир аст) | 908-84-45-32 |
| 5. | ш. Турсунзода | Шуъбаи байниноҳиявии экспертизаи судиву тиббӣ | ш. Турсунзода, кӯчаи 30-солагии Истиқлолият (дар бинои Маркази саломатӣ, дар ошёнаи 3-юм ҷойгир аст) | 98-585-57-76 |
| 6. | н. Шаҳринав | Шуъбаи байниноҳиявии экспертизаи судиву тиббӣ | н. Шаҳринав, шаҳраки Шаҳринав, кӯчаи И. Сомонӣ, 149 (дар бинои Беморхонаи марказӣ ҷойгир аст) | 918-70-16-97 |
| 7. | н. Рашт | Шуъбаи байниноҳиявии экспертизаи судиву тиббӣ (бо хизматрасонии н. Рашт, Лахш, Нуробад, Сангвор, Тоҷикобод) | н. Рашт, шаҳраки Ғарм (дар бинои Беморхонаи марказӣ ҷойгир аст) | 918-72-25-37 |
| **Вилояти Суғд** | | | | |
| 8. | ш. Хуҷанд | Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судиву тиббӣ” вилояти Суғд | ш. Хуҷанд, кӯчаи М. Горкий, гузаргоҳи М. Ҷӯраев, 2 | 8-34-22 4-37-53 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | (бо хизматрасонии ш. Гулистон, Истиқлол) | | |
| 9. | н. Б. Ғафуров | Шуъбаи байниноҳиявии экспертизаи судиву тиббӣ | н. Б. Ғафуров, кӯчаи Ленин, 124 | 92-770-68-39 92-712-81-88 |
| 10. | н. Ашт | Шуъбаи байниноҳиявии экспертизаи судиву тиббӣ | н. Ашт, шаҳркаи Шайдон, кӯчаи И. Сомонӣ, 67 | 92-907-38-81 |
| 11. | н. Деваштич | Шуъбаи байниноҳиявии экспертизаи судиву тиббӣ | н. Деваштич, кӯчаи А. Шарободд, 7 | 92-704-00-45 |
| 12. | н. Ҷаббор Расулов | Шуъбаи байниноҳиявии экспертизаи судиву тиббӣ | н. Ҷаббор Расулов, шаҳраки Меҳробод, кӯчаи Нурматов, 57 | 97-778-45-77 |
| 13. | ш. Истаравшан | Шуъбаи байниноҳиявии экспертизаи судиву тиббӣ | ш. Истаравшан, кӯчаи Истиқлолият, 42 | 92-811-73-77, 93-740-00-56 |
| 14. | н. Айнӣ | Шуъбаи байниноҳиявии экспертизаи судиву тиббӣ | н. Айнӣ, кӯчаи Айнӣ, 2 | 92-764-38-83 |
| 15. | н. Шаҳристон | Шуъбаи байниноҳиявии экспертизаи судиву тиббӣ | н. Шаҳристон, кӯчаи Абӯалӣ ибни Сино, 30 | 92-752-91-59 |
| 16. | ш. Панҷакент | Шуъбаи байниноҳиявии экспертизаи судиву тиббӣ | ш. Панҷакент, кӯчаи Рӯдакӣ, 53 | 92-759-69-85 |
| 17. | н. Спитамен | Шуъбаи байниноҳиявии экспертизаи судиву тиббӣ | н. Спитамен, кӯчаи Ленин, 130 | 92-755-15-55 |
| 18. | н.Зафаробод | Шуъбаи байниноҳиявии экспертизаи судиву тиббӣ | н. Зафаробод, кӯчаи Уротеппа, 1 | 92-758-99-28 |
| 19. | н. Мастчоҳ | Шуъбаи байниноҳиявии экспертизаи судиву тиббӣ | н. Мастчоҳ, шаҳраки Бӯстон, кӯчаи 8 Март, 4 | 92-982-04-89 |
| 20. | ш. Гулистон | Шуъбаи байниноҳиявии экспертизаи судиву тиббӣ | ш. Гулистон, кӯчаи Истиқлол, 17 | 92-900-70-17 |
| 21. | ш. Бӯстон | Шуъбаи байниноҳиявии экспертизаи судиву тиббӣ | ш. Бӯстон, кӯчаи Абӯалӣ ибни Сино, 8 | 92-712-81-88 |
| 22. | ш. Конибодом | Шуъбаи байниноҳиявии экспертизаи судиву тиббӣ | ш. Конибодом, кӯчаи 8 Март, 56 | 92-624-43-33 |
| 23. | ш. Исфара | Шуъбаи байниноҳиявии экспертизаи судиву тиббӣ | ш.Исфара, кӯчаи Б. Маҳкамов, 7 | 92-602-14-94 |
| **Вилояти Хатлон** | | | | |
| 24. | ш. Бохтар | Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судиву тиббӣ"-и вилояти Хатлон (бо хизматрасонии ш. Бохтар, Леваканд, н. Кӯшониён, Вахш ва Ҷ. Балхӣ) | ш. Бохтар, кӯчаи С. Айнӣ, 92 "а" | 8-32-22 2-36-52 |
| 25. | н. Ҷайҳун | Шуъбаи байниноҳиявии экспертизаи судиву тиббӣ (бо хизматрасонии н. Ҷайҳун ва Панҷ) | н. Ҷайҳун (дар бинои маъмурияти Беморхонаи марказии ноҳия, кӯчаи А. Берунӣ, 7 ҷойгир аст) | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 26. | н. Шаҳритуз | Шуъбаи байниноҳиявии экспертизаи судиву тиббӣ (бо хизматрасонии н. Қубодиён, Шаҳритуз ва Носири Хисрав) | н. Шаҳритуз, кӯчаи Х. Зиёдалиев, 1 | 8-32-40 2-16-99 |
| 27. | н. А. Ҷомӣ | Шуъбаи байниноҳиявии экспертизаи судиву тиббӣ (бо хизматрасонии н. А. Ҷомӣ, Ёвон ва Хуросон) | н. А. Ҷомӣ (дар бинои маъмурияти Беморхонаи маркazии ноҳия, кӯчаи Сомониён, 27 ҷойгир аст) | 93-144-72-57 |
| 28. | ш. Кӯлоб | Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судиву тиббӣ”-и минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон (бо хизматрасонии ш. Кӯлоб, н. Ховалинг, Ш. Шоҳин, Мӯъминобод ва Восеъ) | ш. Кӯлоб, кӯчаи Борбад, 14 | 8-33-22 2-02-07 |
| 29. | н. Данғара | Шуъбаи байниноҳиявии экспертизаи судиву тиббӣ (бо хизматрасонии н. Данғара ва Балҷувон) | н. Данғара (дар бинои маъмурияти Беморхонаи марказии ноҳия, кӯчаи Киров, 43 ҷойгир аст) | 917-55-51-55 |
| 30. | н. Фархор | Шуъбаи байниноҳиявии экспертизаи судиву тиббӣ (бо хизматрасонии н. Фархор ва Темурмалик) | н. Фархор (дар бинои маъмурияти ноҳия, кӯчаи Лангариев, 28 ҷойгир аст) | 918-67-21-33 |
| | | **ВМКБ** | | |
| 31. | ш. Хоруғ | Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судиву тиббӣ”-и ВМКБ | ш. Хоруғ, кӯчаи Саидмир Абдураҳмон | 93-955-35-53 |

5 ГЕНДЕРНОЕ РАВЕНСТВО

АФИФ
AFIF